**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Раҳмонзода Абдулло Қурбоналӣ дар мавзӯи «Масъалаҳои асосии ҳуқуқи моликияти коммуналӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст (Душанбе, 2023. – 28 саҳ).**

Дар шароити рушди иқтисоди бозоргонӣ рисолаи Раҳмонзода Абдулло Қурбоналӣ дар мавзӯи «Масъалаҳои асосии ҳуқуқи моликияти коммуналӣ» аҳамияти муҳими илмию назариявӣ ва амалиро касб менамояд.

Айни ҳол яке аз масъалаҳои муҳими ҳалталаби соҳаи ҳуқуқшиносӣ дар ҶТ тадқиқоти маҷмуии масъалаҳои танзими ҳуқуқии моликияти коммуналӣ ва муносибатҳои дигари молумулкӣ ҳамзамон дар заминаи сарчашмаҳои мавҷуда ва дар асоси қонунгузории амалкунанда муайян намудани мазмуни муносибатҳои ҳуқуқӣ оид ба моликияти коммуналӣ дар ҶТ вобаста мебошад.

Мушкилоти танзими ҳуқуқии моликияти коммуналӣ дар Тоҷикистон то ҳол мавриди тадқиқоти пурраи илмӣ қарор дода нашудаанд, асарҳои алоҳидаи ба мушкилоти мазкур ё масъалаҳои моликият бахшидашуда ё нопурраанд ё аз бисёр ҷиҳат кӯҳна шудаанд, аз ин рӯ, ба мафҳуми муосири моликият мутобиқ нестанд.

Аз мазмуни автореферат чунин бар меояд, ки муаллифи рисола нақшаи корро хуб тарҳрезӣ намуда, тибқи он тадқиқоти илмиро анҷом

додааст. Рисола аз 3 боб, 6 зербоб, хулоса ва номгӯи адабиёт (маъхазҳо) иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтаанд.

Навгониҳои рисолаи илмии рисолаи Раҳмонзода Абдулло Қурбоналӣ дар он ифода меёбанд, ки он нахустин таҳқиқоти илмии маҷмӯавӣ оид ба масъалаҳои асосии ҳуқуқи моликияти коммуналӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад (саҳифаҳои 9-11-и афтореферат).

Навгониҳои дар рисола зикргардида қобили таваҷҷӯҳ мебошанд. Хусусан дар банди дуюми он муаллиф мафхуми «моликияти коммуналӣ»-ро чунин баён карда шавад: «Моликияти коммуналӣ – ин ашёҳои молӣ, аз он ҷумла маблағҳои пулӣ мебошанд, ки соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдории онҳо аз ҷониби мақомотҳои маҳаллии ҳокимияти давлатӣ амалӣ карда мешаванд». Мафҳуми пешниҳодшуда ҷанбаи мусбии рисолаи илмии муҳаққиқро шаҳодат медиҳад (саҳифаи 9-и афтореферет).

Муаллиф дар банди сеюми навгониҳо чунин зикр менамояд, ки: «Ҳуқуқи моликияти коммуналӣ ба ду маъно фаҳмида мешавад: ба маънои объективӣ ва субъективӣ. Ба маънои объективӣ, вақте ки муқарраротҳои он вуҷуд доранд ва ба ҳама субъектони ҳуқуқ ва иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ равона шудаанд. Дар ҳамин маъно, ҳуқуқи моликияти коммуналӣ аз маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқи маданӣ иборат буда, муносибатҳои ашёӣ ва дигари молумулкии ба фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ марбут будаpo танзим менамояд. Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, яъне мақомоти намояндагии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар доираи салоҳияти худ субъектони ҳуқуқи моликияти коммуналӣ мебошанд. Бинобар ин, дар маънои субъективиаш ҳуқуқи моликияти коммуналӣ чунин чораҳои имконпазири рафторро меноманд,

ки ба соҳибӣ, истифодабарӣ ва ихтиёрдории ашёҳои коммуналӣ равона гардидаанд. » (саҳифаи 10-и афтореферат).

Андешаи муаллиф оид ба он ки ҳуқуқи моликияти коммуналӣ ба ду маъно фаҳмида мешавад: ба маънои объективӣ ва субъективӣ, ба рисолаи илмӣ тобиши илмӣ дода, яке аз пахдуҳои мусбии рисола ба ҳисоб меравад. Ҳамзамон, навгониҳое, ки дар рисола дида мешаванд дар илми ҳуқуқи маданӣ, инчунин ҳуқуқи соҳибкорӣ пешниҳодҳои нав ба шумор мераванд ва онҳоро метавон як маҷмӯаи илмӣ истифода намуд.

Нуктаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои амалие, ки дар рисолаи номзадии Раҳмонзода Абдулло Қурбоналӣ манзур карда шудаанд, метавонанд дар таҳияву таҷдиди қонунгузории соҳаи маданӣ, омодасозии стратегия, барнома ва консепсияҳои давлатӣ саҳмгузор бошанд.

Доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он унвонҷӯ 1 монография ва 8 мақолаи илмиро рӯи чоп овардааст. Аз ин шумора панҷ мақолаи илмӣ дар маҷалаҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ рӯи чоп омада се мақолаи дигар дар маҷмӯаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ – амалӣ чоп гардидаанд.

Хулоса, натиҷа ва нуктаҳои асосии диссертатсия дар маводи нашргашта инъикос ёфтаанд.

Дар рисола гарчанде шакл ва мазмун бо ҳам мувофиқанд ва ба талаботҳои навиштани рисолаи илмӣ ҷавобгӯянд, аммо ҳанӯз ҳам баъзе ҳолатҳои баҳснок ба назар мерасад. Муаллиф дар тамоми матни диссертатсия ибораи «ҳуқуқи маданӣ», «Кодекси маданӣ» ва дигар мафҳумҳои ба он алоқамандро мавриди истифода қарор додааст, ки он дар айни замон расман истифода шудани ибораҳои мазкурро зери савол қарор медиҳанд. Зеро, новобаста аз он ки Кодекси гражданӣ ба Кодекси маданӣ иваз карда шудааст, аммо дар асоси моддаи 1351 Кодекси мазкур пешбинӣ гардидааст, ки он аз 1 июли соли 2023 мавриди амал қарор дода мешавад.

Хуб мешуд муаллиф ба ин масъала шарҳу тавеҳи зарурӣ пешкаш менамуд.

Мебояд изҳор намуд, ки саволи гузошатшуда мазмун ва муҳтавои рисоларо коста наменамояд.

Дар маҷмӯъ, диссертатсияи Раҳмонзода Абдулло Қурбоналӣ дар мавзӯи «Масъалаҳои асосии ҳуқуқи моликияти коммуналӣ» кори илмии анҷомёфта маҳсуб ёфта, ба талаботҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 қабул гардидааст, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

**Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,**
**дотсенти кафедраи ҳуқуқи граждании**
**факултети ҳуқуқшиносии**
**Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон**    **Исмоилова З.И.**

**«Имзои Исмоилова З.И.–ро тасдиқ мекунам»**
**Сардори шуъбаи кадрҳои**
**Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон**    **Раҳимов А.А.**

01 июни 2023

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон, 734025, ш. Душанбе, кӯчаи М. Турсунзода Тел.: (+992 237) 227 67 40. E–mail: kafedra.grazhdanskaya@mail.ru